МАЪЛУМОТНОМАИ АСОСНОККУНАНДА

*ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»*

Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳои гумрукӣ ва гузариш ба шакли пурраи декларатсиякунонии электронӣ мутобиқи талаботи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин сода ва шаффоф намудани расмиёти гумрукӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро мутобиқ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия намуд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки такмили маъмурикунонии гумрукӣ вобаста ба татбиқи чораҳои танзими тарифӣ ва ғайритарифӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ муосири рақамӣ мебошад, ки ба амният ва содагардонии расмиёти гумрукӣ нигаронида шудааст.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар назди мақомоти гумрук гузошташуда, талаботи қонунгузории гумрукии амалкунанда нисбати барасмиятдарории гумрукии молҳо таҷдиди назар гашта, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад.

Бо мақсади содагардонии барасмиятдарории гумрукӣ ва беҳтар намудани шароити воридоту содирот ва транзити мол ва таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи дунё, Хадамоти гумрук лозим донист, ки ба баъзе моддаҳои алоҳидаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид намояд.

Тибқи лоиҳаи таҳияшуда, меъёри Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ” аз 15 марти соли 2023 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” аз 22 июни соли 2023 мутобиқ гардонида мешавад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин,  дар лоиҳаи пешниҳодшуда масъалаҳо вобаста ба автоматикунонӣ ва рақамигардонии расмиёти гумрукӣ, идораи таваккал, содагардонии расмиёти иҷозатдиҳии фаъолияти шахсони дар соҳаи гумрук фаъолияткунанда, декларатсиякунонии электронӣ бо татбиқи имзои рақамии электронӣ, аз байн бурдани духуррагӣ ва таззоди меъёрҳои ҳуқуқӣ ва такмили усули муносибат ба фард ҷиҳати ҳавасмандгардонии тоҷирони бовиҷдон, пурра ба инобат гирифта шудаанд.

Аз ҷумла, тағйиру иловаҳои ба моддаҳои 61, 63, 79, 80, 81, 83, 84, 124, 131, 132, 133, 134, 135, 136, 138, 170, 179, 180, 185, 193, 204, 208, 217, 219, 304, 305, 308, 309, 355, 360, 361, 362, 364, 365, 368, 378, 380, 388, 408 ва 504 Кодекси гумрук пешниҳодшуда ба рақамикунонии расмиёти гумрукӣ ва истифодаи минбаъдаи декларатсияи гумрукии электронӣ ва ҳуҷҷатҳои электронии гумрукӣ

бо татбиқи имзои рақамии электронӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, равон гардидаанд.

Ҷорӣ намудани технологияҳо ва системаҳои муосири иттилоотӣ дар барасмиятдарории гумрукии ҳамаи расмиёт, гузаштан ба декларатсиякунонии пурраи электронии фосилавии молу воситаҳои нақлиёт тавассути системаҳои иттилоотии мақомоти гумрук, яъне пешниҳод намудани декларатсия ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои ҳамроҳӣ ва иҷозатдиҳӣ дар шакли электронӣ тавассути системаҳои иттилоoти бо истифода аз имзои электронии рақамӣ ва ҷорӣ намудани раванди пешниҳоди талони электронӣ барои гузаштан аз назорати давлатӣ дар сарҳад тавассути системаи ягонаи иттилоотӣ, барои кам кардани шумораи санҷишу муоинаҳои гумрукии номуносиб ва ихтисор кардани хароҷоти вақт, инчунин пешгирии ҳолатҳои қочоқ ва коррупсия дар барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт мусоидат мекунанд.

Инчунин, дар лоиҳаи Қонуни мазкур дар асоси талаботи Стандартҳои Созишнома оид ба содагардонии расмиёти савдо (Созишномаи Балӣ) ва Конвенсияи байналмилалӣ оид ба содагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ (Конвенсияи Киото) заминаи ҳуқуқӣ барои илова намудани маълумоти пешакӣ, дар таҳрири нав пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки барори барасмиятдарории гумрукӣ зарур, транзити гумрукӣ ва декларатсиякунонии даврии мол, ки тартиби гузаронидани экспертизаи такрориро пешбинӣ менамояд, гузошта шуда, меъёрҳои нав таҳия карда шудааст.

Дар робита ба ин, ҷиҳати дар амал татбиқ намудан ва бо мақсади содагардонӣ ва суръатбахшӣ ба барасмиятдарории гумрукӣ, пешниҳоди маълумоти пешакӣ, ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки барои барасмиятдарории гумрукӣ зарур, расмиёти гумрукии транзити гумрукӣ ва декларатсиякунонии даврӣ зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 9, 36, 44, 61, 93, 94, 95, 101, 106, 109, 110, 111, 117, 121, 217, 219, 227, 228, 229, 273, 282, 283 Кодекс ва дар таҳрири нав ифода намудани моддаҳои 63, 79 - 92 ва 136 Кодекси гумрук ба миён омадааст.

Аз ҷумла,

1) Ба Кодекси гумрук моддаи нав $11^1$ «Пешниҳоди маълумоти пешакӣ ба мақомоти гумрук» илова карда шуд, ки тибқи он талаботи нав оид ба пешниҳоди маълумоти пешакӣ ба мақомоти гумрук, муқаррар карда шудааст.

Сабаби пешниҳод намудани маълумоти пешакӣ ба мақомоти гумрук, яъне, маълумот дар бораи моле, ки интиқоли он аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст, маълумот дар бораи воситаҳои нақлиёти ҳамлу нақли байналмилалии молро интиқолдиҳанда, дар бораи вақт ва маҳали расидани мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар бораи мусофирони ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, ин тезонидани амалиёти гумрукӣ аз ҷониби мақомоти гумрук ва муносибгардонии назорати гумрукӣ ҳангоми расмиёти транзити гумрукӣ,

ҷойгир намудани мол дар анбори нигаҳдории муввақатӣ, анбори гумрукӣ, анбори озод ва минтақаи озоди гумрукӣ, ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, тағйиру иловаҳои дахлдор ба моддаҳои 81, 124, 132, 427, 428, 429 ва 504 Кодекси гумрук пешниҳод гардидааст.

2) Дар лоиҳаи таҳияшуда моддаи 63 Кодекси гумрук (Ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки барои барасмиятдарории гумрукӣ заруранд) дар таҳрири нав пешниҳод шудааст.

Мақсади дар таҳрири нав ифода намудани моддаи мазкур аз он иборат аст, ки ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ аз ҷониби шахсон (декларант, молинтиқолдиҳанда) танҳо ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки барои барасмиятдарории гумрукӣ ва таъмини риояи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи электронӣ ё хаттӣ пешниҳод мегардад. Дар навбати худ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи молҳои алоҳидаро бо нишон додани рамзи мол тибқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳо, ки пешниҳоди онҳо ҳангоми воридот, содирот ва транзит тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ, инчунин, бо мақсади содагардонӣ ва суръатбахшӣ барои барасмиятдарории гумрукӣ заруранд, муайян менамояд.

Ҳамзамон, ҳангоми анҷом додани барасмиятдарории гумрукӣ дар шакли электронӣ тавассути системаҳои иттилоотии мақомоти гумрук шахсон (декларант, молинтиқолдиҳанда) нусхаи электронии ҳуҷҷатҳои барои барасмиятдарории гумрукӣ заруриро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуҷҷатҳои электронӣ ва имзои электронӣ тасдиқ намуда, пешниҳод менамоянд.

3) Баҳри иҷрои талаботи Созишномаҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо ва бо назардошти таҷрибаи давлатҳои Иттиҳоди Авру Осиё, аз Кодекси гумрук боби 20 Кодекси гумрук “Транзити гумрукии байналмилалӣ” хориҷ карда шуд ва меъёри он бо боби 10 Кодекс “Транзити дохилии гумрукӣ” якҷоя карда шуда, боби 10 Кодекс пурра дар таҳрири нав бо мазмуни «Расмиёти гумрукии транзити гумрукӣ» пешниҳод шудааст.

Ҳангоми татбиқи расмиёти гумрукии транзити гумрукӣ аз декларант таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ тибқи боби 46 Кодекси гумрук талаб карда мешавад ва мақсади таъмини бехатарии молҳое, ки ҳангоми расмиёти транзити гумрукӣ ба анҷом нарасидаанд, ба танзим дароварда мешавад.

Вобаста ба ин, иҷозат барои расмиёти транзити гумрукӣ дар шакли электронӣ тавассути системаҳои иттилоотии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар шакли хаттӣ иҷозат дода мешавад.

Маълумоти пешакии тибқи моддаи $11^1$ ҳамин лоиҳаи Кодекс пешниҳодгардида баъди қабули он аз ҷониби мақоми гумруки ирсолкунанда барои таҳти расмиёти гумрукии транзити гумрукӣ ҷойгир кардани мол ҳамчун декларатсияи транзитӣ истифода бурда мешавад. Бо дархости асосноки интиқолдиҳанда, декларант ё намояндаи ваколатдори ӯ, мақоми гумрук метавонад транзити дохилии гумрукиро боз ба муҳлати аввали

муқарраргардидаи транзити дохилии гумрукӣ тибқи қисми 2 моддаи 81 лоиҳаи Кодекс ба ҳисоби 2000 километр дар як моҳ тамдид намояд.

Ба сифати воситаи ҳаммонандсозӣ тамға (пломба), тамғаҳо (пломбаҳо)-и электронӣ, рамзгузории электронии мол, мӯҳр, аломатҳои рақамӣ, ҳарфӣ, штампҳо, бастаҳои сейфӣ ё аломату дигар воситаҳои ҳаммонандсозиро, тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми гумрук эътироф менамояд.

Гувоҳнома дар бораи иҷозат додани воситаи нақлиёт, контейнер ё бордони ҷудошаванда ба интиқоли мол таҳти тамға (пломба), тамғаҳо (пломбаҳо)-и электронӣ, рамзгузории электронии мол, мӯҳр, аломатҳои рақамӣ, ҳарфӣ, штампҳо, бастаҳои сейфӣ ё аломату дигар воситаҳои ҳаммонандсозӣ аз ҷониби мақоми гумрук дода мешавад.

Хатсайри интиқоли молро ҳангоми транзити гумрукӣ интиқолдиҳанда тибқи хатсайрҳои муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб менамояд. Тағйир додани хатсайр бо иҷозати мақоми гумрук сурат мегирад.

Анҷом ва қатъи амали расмиёти гумрукии транзити гумрукӣ ва маҳали молрасониро мақоми гумруки ирсолкунанда муайян мекунад. Ҳангоми интиқоли мол тавассути нақлиёти ҳавоӣ ё роҳи оҳан, расмиёти гумрукии транзити гумрукӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи нақшаи (ҷадвали) технологии фурудгоҳ ё истгоҳи роҳи оҳан ба анҷом мерасад, вале муҳлати мазкур наметавонад аз 12 соат аз лаҳзаи расонидани мол ба маҳалли молрасонӣ зиёд бошад.

4) Боби 14 Кодекси гумрук «Декларатсия кардани мол» (моддаҳои 123 - 138) дар таҳрири нав бо мақсади декларатсия кардани мол дар шакли электронӣ тавассути системаҳои иттилоотии мақомоти гумрук ва дар шакли хаттӣ дар ҳолатҳои корношоямии системаҳои иттилоотии мақомоти гумрук дар натиҷаи камбудиҳои техникӣ, халалдоршавӣ дар кори алоқа (шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва интернет), нарасидани неруи барқ ва (ё) дигар ҳолатҳои ғайричашмдошт, ки имконияти таъмини декларатсиякунонии электрониро намедиҳанд, пешбинӣ намудааст.

Пешниҳоди декларатсияи электронии гумрукӣ ба мақомоти гумрук бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ муқаррар шудааст. Ҳамзамон, пешбинӣ шудааст, ки дар декларатсияи гумрукӣ бояд танҳо маълумоте зикр гардад, ки барои ҳисоб ва ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, ташаккули омори гумрукӣ ва татбиқи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошанд.

5) Бо мақсади амалӣ гардонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи фаъолияти гумрук ва талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии баналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 136 Кодекси гумрук (Декларатсиякунонии даврии мол) дар таҳрири нав пешниҳод шудааст.

Декларатсияи даврӣ аз ҷониби декларант ба таври электронӣ ё хаттӣ пешниҳод карда шуда, дар он ҳолат татбиқ мегардад, ки моли интиқолшаванда

тибқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ рамзи таснифотии якхела дошта бошад ва дар давоми сӣ рӯзи тақвимӣ декларатсиякунонии як номгӯи мол се маротиба ё бештар анҷом дода шавад.

Барои анҷом додани декларатсиякунонии даврии мол декларант тариқи ариза, ки шакли онро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян мекунад, ба мақоми гумрук муроҷиат менамояд. Барои ворид намудани ҳар як партияи мол декларант огоҳинома пешниҳод менамояд. Муҳлати таҳвили мол тибқи лоиҳаи Кодекс мутобиқ ба декларатсиякунонии даврӣ набояд аз си рӯзи тақвими зиёд бошад.

Агар тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои воридот ё содироти мол супоридани пардохтҳои гумрукӣ муқаррар шуда бошад, декларатсиякунонии даврии мол бо пешниҳоди таъмини супоридани пардохтҳои гумрукӣ тибқи боби 46 Кодекси гумрук иҷозат дода мешавад.

Декларатсияи мол дар давоми даҳ рӯзи тақвимии баъди анҷоми давраи таҳвил пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми татбиқи декларатсиякунонии даврӣ мамнӯият ва маҳдудиятҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рӯзи воридот ё содироти мол амал мекунанд, татбиқ карда мешаванд.

Вобаста ба тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда, ворид намудани тағйиротҳои дахлдор ба моддаҳои 149, 153, 180 ва дигар моддаҳо низ, ба миён омад.

6) Бо мақсади мутобиқ намудани меъёри Кодекси гумрук ба талаботи қисмҳои 4 ва 5 моддаи 7 Созишномаи Созмони умумиҷаҳонии савдо оид ба содагардонии расмиёти савдо ва истифодаи самараноки системаи идоракунии хавфҳои (таваккали) системаи иттилоотии мақомоти гумрук бо зиёд намудани вазифаҳо бо назорати қолабӣ-мантиқӣ, рушди таъминоти иттилоотӣ-таҳлилии фаъолияти мақомоти гумрук ва такмили равандҳои коркарди ҳаҷми зиёди маълумоти ба таҳлил ва идораи хавфҳо (таваккал) нигаронидашуда, инчунин такмили принсипҳо, воситаҳо ва усулҳои коркарди худкори иттилооти дорои сохтор ва бидуни сохтор, ки аз манбаъҳои гуногун ба даст меоянд, боби 52 “Баҳодиҳӣ ва идораи таваккал (риск)” (моддаҳои 427-429) Кодекси гумрук дар таҳрири нав пешниҳод шуда, боби мазкур иборат аз 5 модда пешниҳод шудааст.

Моддаҳои 427, 428, 429, $429^1$ ва $429^2$ дар лоиҳаи мазкур пешниҳодшуда, мафҳумҳои таваккал, дараҷа ва намуди таваккал, таҳлил ва арзёбии таваккал, объектҳои таваккал ва дигар мафҳумҳои асосии соҳаи таваккал дар мақомоти гумрукро муайян намуда, мақсади истифодаи системаи идораи таваккал ва ташкили раванди идораи таваккалро аз ҷониби мақомоти гумрук муқаррар ва пешбинӣ намудаанд.

Ворид намудани тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди тиҷорати хориҷӣ, содагардонии расмиёти гумрукӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир равона гардида, имкониятҳои зеринро ба пеш меоранд:

- содагардонӣ ва ҳамоҳангсозии қоидаҳои гумрукӣ дар сатҳи баланд таъмин карда мешавад;

- ихтилофоти қоидаҳо ва расмиёти гумрукӣ аз байн бардошта мешавад;

- баҳри баланд бардоштани самаранокии барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ имкониятҳои пешкадами замони муосирро фароҳам меоварад;

- ҷиҳати кам намудани вақти барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ замина мегузорад;

- гузаронидани амалиётҳои гумрукӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотии муосир барои мақомоти гумрук ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ самарабахш мегардад.

Дар маҷмӯъ, қабули лоиҳаи Қонуни пешниҳодшуда ба содагардонии расмиёт ва барасмиятдарории гумрукӣ ва рушди тиҷоратӣ хориҷӣ замина гузошта, баҳри баланд бардоштани мавқеъи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандиҳои ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард.

Лоиҳаи Қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мухолифат надорад ва ҳангоми қабул гардидан хароҷоти иловагии молиявиро аз Буҷети давлатӣ талаб наменамояд.

Тибқи талаботи «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ қарор дода шуда, дар натиҷаи он дар лоиҳаи мазкур омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда нашудааст.

Аз ин лиҳоз, бо асосҳои дар боло овардашуда, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо дастрасии Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мувофиқа пешниҳод карда мешавад.

Хадамоти гумруки назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон